**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия
_______________Насуриён П.А.
«24» 02. соли 2026

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**
**ба диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» пурра ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар марҳилаи муосири рушди давлатию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, инчунин ҳифзи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд мақомоти прокуратура ҳамчун ниҳоди мустақили давлатӣ, ки назорати иҷрои дақиқ ва яхкелаи қонунҳоро таъмин менамояд, мақоми махсусро ишғол мекунад. Самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура дар бисёр мавридҳо аз сатҳ ва сифати фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии онҳо вобаста буда, он ба татбиқи воқеии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал, пешгирӣ ва ошкор намудани қонунвайронкуниҳо, барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда ва ҳифзи манфиатҳои қонунии давлат ва ҷомеа равона гардидааст.

Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура яке аз шаклҳои асосии амалисозии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи таъмини қонуният ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути ин фаъолият меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҳолати абстрактӣ ба муносибатҳои воқеии ҷамъиятӣ татбиқ гардида, таъсири воқеии ҳуқуқ ба равандҳои иҷтимоӣ таъмин карда

мешавад. Дар баробари ин, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дорои хусусияти мураккаб буда, ҳамзамон унсурҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, мурофиавӣ ва ахлоқиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи он аз нуқтаи назари назариявӣ ва ҳуқуқӣ аҳаммияти хосса дорад.

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти густурдаи соҳаи ҳуқуқ амалӣ гардида, қонунгузорӣ мунтазам такмил меёбад, сохтор ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ мутобиқ ба талаботи замон бозбинӣ мешаванд. Ин равандҳо бевосита ба фаъолияти мақомоти прокуратура низ таъсир расонида, аз онҳо тақозо менамоянд, ки усулҳо ва шаклҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии худро мутобиқ ба воқеияти нави ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ такмил диҳанд. Бо вуҷуди ин, дар амалия мушкилоти муайян вобаста ба татбиқи дуруст ва самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура ба назар мерасанд, ки сабабҳои онҳо на танҳо хусусияти амалӣ, балки назариявӣ низ доранд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаҳои умумии фаъолияти мақомоти прокуратура мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аммо фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии онҳо ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқӣ ба таври мукаммал ва низомманд тадқиқ нашудааст. Хусусан, масъалаҳои марбут ба мафҳум ва моҳияти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура, аломатҳо, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои он, инчунин робитаи он бо дигар шаклҳои фаъолияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи қонуният ҳанӯз ҳам баҳснок боқӣ мемонанд. Ин норасоии таҳқиқоти илмӣ ба пайдоиши мушкилот дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат менамояд.

Илова бар ин, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура дар ҳамбастагӣ бо фаъолияти дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ мегардад. Дар чунин шароит масъалаи ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, тақсимоти ваколатҳо ва пешгирии такроршавии салоҳиятҳо аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Набудани асосҳои назариявии равшан дар ин самт метавонад боиси коҳиши самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура ва дар маҷмуъ низоми ҳифзи ҳуқуқ гардад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ҳамчун унсури муҳимми механизми давлатӣ зарур ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкур ҳамчунин бо зарурати мутобиқ намудани фаъолияти мақомоти прокуратура ба стандартҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вобаста мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи байналмилалӣ уҳдадор аст, ки дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти прокуратура, принсипҳои қонуният, адолат, инсондӯстӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои асосии инсонро риоя намояд. Дар ин замина фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии

мақомоти прокуратура бояд на танҳо ба талаботи қонунгузории миллӣ, балки ба меъёрҳо ва стандартҳои эътирофшудаи байналмилалӣ низ ҷавобгӯ бошад. Омӯзиши назариявии ин масъала ба такмили заминаи ҳуқуқии фаъолияти прокуратура мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, рушди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва афзоиши талаботи ҷомеа ба шаффофият ва ҷавобгарии мақомоти давлатӣ масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураро боз ҳам мубрам мегардонад. Дар чунин шароит танҳо такмили қонунгузорӣ кофӣ набуда, зарурати таҳияи асосҳои назариявии мустаҳкам барои фаъолияти амалии мақомоти прокуратура ба миён меояд. Таҳқиқоти мазкур ба муайян намудани роҳҳо ва воситаҳои такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура равона гардида, метавонад барои бартараф намудани мушкилоти мавҷудаи амалӣ заминаи илмӣ фароҳам оварад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи муҳимми ҳуқуқӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии калон мебошад. Норасоии таҳқиқоти илмии мукаммал дар ин самт, тағйирёбии пайвастаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва зарурати таҳкими қонуният мубрамияти таҳқиқоти мазкурро муайян намуда, онро саривақтӣ ва зарур мешуморад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» баланд буда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи амалӣ ва адабиёти илмӣ бармеоянд. Дар кори мазкур, бо истифода аз методҳои диалектикии умумиилмӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ, муқоисавӣ истифода гардидаанд.

Дар диссертатсия бори аввал таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ омӯхта шудаанд.

Муаллиф бо далелҳои муътамади илмию таҷрибавӣ пешниҳод кардааст, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Хусусан пешниҳод шудааст, ки қонунгузории ин самт мавриди такмил ва бозбинӣ қарор дода шавад. Аз ҷумла, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳеҷ гуна муқаррарот дар бораи он, ки

хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ва муассисаҳои он яке аз намудҳои хизмати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, муқаррар накардааст. Бо дарназардошти масъалаи мазкур зарур аст, ки хизмати давлатӣ дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ танзим карда шавад. Бинобар ин, ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» вобаста ба хизмати давлатии кормандони мақомоти прокуратура тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. Бодарназардошти масъалаи мазкур зарур аст, ки дар моддаи 2 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» банди алоҳида вобаста ба мақоми прокурор, муовинон, ёрдамчиён, муфаттишон ва дигар шахсони мансабдори мақомоти прокуратура ҳамчун хизматчиёни давлатӣ илова карда шавад.

Ҳамзамон дар кори мазкур пешниҳодҳои мушаххас барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти ҳуқуқтабиққунии мақомоти прокуратура асоснок пешниҳод шудааст.

Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф бо таҳлили илмӣ ва маводи кофии амалии ҷамъшуда асоснок гардида, боиси баланд бардоштани самаранокии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти ҳуқуқтабиққунии мақомоти прокуратура хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои кори мазкур ҳам барои илм ва ҳам барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳамияти муҳим доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар сатҳи илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар он мафҳумҳо оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи таҳқиқотӣ омӯхта шудааст. Инчунин, нақш ва мақоми прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ муайян карда шудаанд. Назарияҳои гуногуни назариячиёни маъруфи ватаниву хориҷӣ дар диссертатсия баррасӣ гардидаанд. Ҳамчунин, санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф андешаҳои худро роҷеъ ба таснифи санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ баён кардааст. Инчунин, муаллиф омилҳои самараноки фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураро таҳлил карда, ҳамкории мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ, такмили ҳуқуқӣ-техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони

мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омилҳои такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии онҳо пешниҳод кардааст.

Дар натиҷаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ як силсила хулосаҳо ба даст оварда шуданд, ки дорои навгонии илмӣ буда, бо асосҳои назариявӣ ва далелҳои амалӣ тасдиқ мегарданд. Аз ҷумла, дар раванди таҳқиқот:

– маҷмуи омилҳои калидии назариявӣ ва амалие муайян ва гурӯҳбандӣ карда шуданд, ки ба ташаккул ва такомули фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура таъсири бевосита расонида, ҳамчун шарти асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии онҳо баромад менамоянд;

– мақоми ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда таҳлил гардида, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти нисбатан мустақил, дорои марҳилаҳо, усулҳо ва механизмҳои хоси татбиқи ҳуқуқ, асоснок карда шудааст;

– ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура таҳқиқ гардида, равишҳо ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили забон, услуб, техникаи таҳияи санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти прокурорӣ пешниҳод шудаанд, ки ба баланд бардоштани сатҳи касбият ва самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура мусоидат менамоянд;

– пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура таҳия гардида, зарурати мустаҳкам намудани мафҳум, самтҳо ва асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мазкур дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудааст;

– консепсияи муосири ташаккул ва рушди фаъолияти мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти прокурорӣ, такмили механизми танзими ҳуқуқӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи шароити муосир равона шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо таҷассум ёфтаанд, ки метавонанд, дар такмил додани меъёрҳои қонунгузорӣ вобаста ба фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо истифода аз маҷмуи методҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва низомнокӣ таъмин гардидааст.

Хулосаҳои илмии муаллиф ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии мавзуъ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ асос ёфта, далелҳои дар

диссертатсия овардашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ комилан боэътимод мебошанд.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур заминаи устувори назариявию амалӣ дошта, барои рушди минбаъдаи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назаррас дорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсия дар рушди назарияи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ саҳми муайян мегузоранд, зеро дар он фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ҳамчун самти нисбатан мустақили фаъолияти прокурорӣ аз лиҳози назариявӣ асоснок карда шудааст. Дар таҳқиқот мафҳум, моҳият, аломатҳо, марҳилаҳо ва механизмҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура дақиқ гардида, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникӣ ва иттилоотии он дар низоми танзими ҳуқуқӣ таҳлил шудаанд. Хулосаҳои илмии бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назарияи татбиқи ҳуқуқ истифода гарданд.

Маводи илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки фаъолияти амалии мақомоти прокуратура дар самти татбиқи ҳуқуқ такмил дода шавад. Тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таҳия, қабул ва иҷрои санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура, такмили забон, услуб ва техникаи санадҳои прокурорӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи касбият ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура истифода шаванд. Илова бар ин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, омода намудани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ, аз ҷумла Консепсияи рушди мақомоти прокуратура, мавриди истифода қарор гиранд.

Такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ба таҳкими қонуният, коҳиш ёфтани қонунвайронкуниҳо ва баланд гардидани самаранокии назорати прокурорӣ мусоидат менамояд, ки дар натиҷа хароҷоти давлат барои бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳо коҳиш меёбад. Истифодаи равишҳои муосири ҳуқуқӣ-техникӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура боиси сарфаи вақт ва захираҳои моддӣ гардида, самаранокии идоракунии ҳуқуқиро баланд мебардорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани сатҳи эътимоди ҷомеа ба мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ равона шудаанд. Такмили

фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ба таъмини адолати иҷтимоӣ, рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва таҳкими давлатдории ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд. Дар маҷмуъ, татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ба болоравии суботи иҷтимоӣ ва тақвияти нақши қонун дар ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи методҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, мантиқи шаклӣ ва низомнокӣ таъмин карда шудааст.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва таҷрибавӣ, ба монанди адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ тасдиқ гардидааст. Таҳлили амиқу дақиқи ин маводҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври пурра дуруст бошанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили ҳамаҷониба, далелҳои ҳуқуқӣ ва амалияи воқеӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура таҳия кардааст. Ҳар як хулоса ва пешниҳоди муаллиф бо далелҳои боэътимоди илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок гардида, барои татбиқ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ заминаи кофӣ доранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ Набизода Набӣ Мирзонаим дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи баланди навгонии илмии кор, масъалагузории илмӣ ва услуби навишти диссертатсия пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз тарафи худи муаллиф коркард ва асоснок гардидаанд.

Илова бар ин, саҳми шахсии муаллиф дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешниҳодҳо барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо зоҳир мегардад, ки бори дигар арзиши амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 16 мақолаҳои илмӣ инъикос

гардида, ба баррасии паҳлӯҳои гуногуни «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» бахшида шудаанд. Аз ин шумора 9 мақола дар маҷаллаҳои илмие нашр гардидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

1. Набизода, Н.М. Мақомоти прокуратура дар низоми ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.М. Набизода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №3 (51). – С. 197-219; ISSN 2410-2903.

2. Набизода, Н.М. Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] Н.М. Набизода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №2 (54). – С. 182-195; ISSN 2410-2903.

3. Набизода, Н.М. Мафҳум ва тавсифи умумии ҳуқуқтатбиққунӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура (Матн) Н.М. Набизода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №3 (47). – 2023. – С. 180-195; – ISSN 2305-0535.

4. Набизода, Н.М. Баланд бардоштани маданият ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии онҳо [Матн] Н.М. Набизод // Осори Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №4 (64). – С. 160-171; ISSN 2305-0535.

5. Набизода, Н.М. Самтҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.М.Набизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №11. – С. 252-259; ISSN 2413-5151.

6. Набизода, Н.М. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.М. Набизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №12. – С. 300-309; ISSN 2413-5151.

7. Набизода, Н.М. Ҳамкории самараноки мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ [Матн] / Н.М. Набизода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. – 2025. – №1 (37). – С. 140-158; ISSN 2414-9217.

8. Набизода, Н.М. Санадҳои мақомоти прокуратура ҳамчун асоси ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура [Матн] / Н.М. Набизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №6. – С. 259-264; ISSN 2413-5151.

9. Набизода, Н.М. Санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура: вазифа, хусусият ва таснифи онҳо [Матн] / Н.М. Набизода // Қонунгузорӣ. – 2025. – №3. – С. 248-256; ISSN 2410-2903.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи кори мазкур аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва заруриро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 238 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар боби якум – «Тавсифи умумии назариявии татбиқи ҳуқуқ дар фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби диссертант мафҳуми ҳуқуқтатбиқкунӣ ва нақши мақомоти прокуратура дар низоми ҳуқуқтатбиқкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Ба андешаи муаллиф, мақомоти прокуртарура дар ҳама намудҳои фаъолиятҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқтатбиқкунӣ иштирок мекунад. Яке аз воситаҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуни мақомоти прокуратура бо роҳи назорат амалӣ гардида, он дар назарияи ҳуқуқӣ ҳамчун «назорати прокурорӣ» маъмул мебошад. Қобили зикр аст, ки фаъолияти назоратии мақомоти прокуратура дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ паҳн гашта, назорат дар самти ҳуқуқтатбиқкунӣ асосан дар раванди пешбурди ва назорати тафтишоти пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ, иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ ва санҷиши қонунияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос меёбад. Иштироки мақомоти прокуратура дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ яке аз намудҳои фаъолияти он, яъне иттилоотӣ-таҳлилӣ (арзёбии ҳолати қонуният дар ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ)-ро дар бар мегирад.

Дар доираи боби мазкур муаллиф инчунин мониторинги мақомоти прокуратура дар салоҳияти худ ҷамъоварии маълумоти васеъ ва ҳамаҷониба оид ба вазъи конунгузорӣ ва амалияи татбики ҳуқуқро мутамарказ намуда, метавонанд зарурати танзими ҳуқуқиро қариб дар ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян, таҳлилу арзёбии ҳамаҷонибаи фаъолияти қонунгузорӣ ва амалисозии он ва вазъи қонунияту тартибот дар мамлакат таъмин намоянд. Ҳамзамон татбиқи мониторинги ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура сари вақт андешидани тадбирҳо оид ба таҳкими волоияти қонун дар фаъолияти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқӣ роҳандозӣ мегардад (саҳ. 15 автореферати диссертатсия).

Дар боби дуюм. – «Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура ва санадҳои ҳуқуқтатбиққунии он» диссертант асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯхта шудааст.

Дар ин боб муаллиф санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаи асосии ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура маҳсуб меёбад. Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз давраи ташаккули он қабул гардида буданд. Дар зинаи аввали таъсисёбӣ як қатор санадҳои ҳуқуқӣ интишор шуданд, ки онҳо асосҳои ҳуқуқии мақомоти прокуратураро ташкил дода, заминаҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро муқаррар намуданд. Ба инҳо, Қарори кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси комиссариати халқии адлия ва прокуратураи давлатии ҶМШС-и Тоҷикистон» аз 14 декабри соли 1924, Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990, илова ба Эъломияи истиқлолияти давлатӣ аз 9 сентябри соли 1991, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 ва г. дохил мешаванд. Бори нахуст андешаи таҷзияи ҳокимият ба шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дар матни Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 ифода ёфта, таъсиси мақомоти прокуратура низ дар баробари дигар сохтори ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ гардид. Ҳоло асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар қатори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, низ дохил мешаванд (саҳ. 18 автореферати диссертатсия).

Дар боби сеюм. – «Такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тҷикистон» диссертант ҳамкории самараноки мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва самтҳои асосии фаъолияти

ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки амалӣ намудани вазифаҳои мақомоти прокуратура бе ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ ғайриимкон буда, чунин ҳамкориҳо ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура махсуб меёбад. Вазифаҳои асосии ҳамкорӣ таъмини фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, ягонагӣ ва таҳкими волоияти қонун мебошад, ки дар асоси он самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура баланд бардошта мешавад. Ҳамзамон, он ба ташаккул ва татбиқи ҳадафҳои функсионалӣ – муттаҳид намудани кӯшиши мақомоти давлатӣ барои саривақт ва пурра татбиқ гардидани ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа, пешгирӣ ва ошкор намудани қонунвайронкуниҳо, муайян намудани шахсони гунаҳгор, ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо равона гардидааст.

Мақомоти судӣ вобаста ба самтҳои гуногун бо мақомоти прокуратура ҳамкорӣ менамояд, ки яке аз самтҳои муҳимро ҳуқуқтатбиққунӣ ташкил медиҳад. Амалияи ҳуқуқтатбиққунии прокурорӣ, судӣ, тафтишотӣ ва дигар мақомотҳо мунтазам ҷамъбаст карда мешавад. Вазифаи асосӣ дар асоси маводи ибтидоӣ ба даст овардани маълумоти мукаммал, ки барои қабули қарорҳои мувофиқшуда асос шуда метавонад. Вазифаҳои умумие, ки дар назди прокуратура ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон истодаанд, ҳифзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо мебошанд. Ҳамчунин, муайян ва рафъи санадҳои ҳуқуқие, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо мувофиқат намекунанд, вазифаи умумии онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, ҳамкории муштараки мақомоти прокуратура ва суд ба таъмини волоияти қонун ва пешгирии вайронкунии қонунҳо, татбиқи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат мекунад. Ҳамкории прокуратура бо мақомоти судӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба роҳ монда шуда, он дар шакли назорат аз болои иҷрои санадҳои судӣ, иштироки ҳатмӣ дар мурофиаҳои судӣ, табодули иттиолоот ва ғ. таҷҷасум меёбад. Бидуни ҳамкории мутақобила бо мақомоти судӣ дар самти ҳуқуқтатбиққунии фаъолияти мақомоти прокуратура натиҷаҳои судманд ба даст оварда намешавад (саҳ. 23 автореферати диссертатсия).

Дар анҷоми таҳқиқоти худ, муаллиф пешниҳодҳои мушаххасро оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти масъалаҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Матни таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо риояи меъёрҳои илмӣ таҳия гардида, дорои муқаддима, номгӯи ихтисораҳо, бобҳо, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва феҳристи нашрияҳои илмӣ буда, тартиби истинодҳо, истифодаи сарчашмаҳои илмӣ ва шакли пешниҳоди адабиётҳо ба меъёрҳои муқарраргардида мутобиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Набизода Набӣ Мирзонаим ба ихтисоси илмии дархостшаванда 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Дар навгонии 3-юми диссертатсия қайд гардидааст, ки барои пурсамар гардонидани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура такмили қонунгузорӣ ва асосҳои ҳуқуқии он зарур аст. Аз ин рӯ, барои амалӣ намудани он муҳим аст, ки Консепсияи муосири ташаккули мақомоти прокуратура коркард карда шавад. Барои таҳияи ин санад мақомоти прокуратура манфиатдор буда, мушкилоти мавҷударо дар соҳаи фаъолияти худ беҳтар дарк менамояд. Навгонӣ дуруст ва равшан маънидод шудааст, вале он тавсифӣ буда, далелҳои мушаххас ва таҳлилӣ барои исботи зарурати такмил ва таъсири Консепсияи муосир пешниҳод нашудааст. Истилоҳоти «зарур аст», «имкон медиҳад» ва «беҳтар дарк намояд» хеле умумӣ буда, таъсири воқеии пешниҳодот ба самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ бо нишондиҳандаҳо ё мисолҳои амалӣ дастгирӣ намешавад. Ғайр аз ин, ҷузъи равиши амалисозии Консепсия ва усулҳои баҳогузории самаранокии он дар хулоса оварда нашудааст, ки сатҳи илмии навгониро кам мекунад. Навгонӣ бояд бо далелҳои таҳлилӣ, омори муқоисавӣ ё таҷрибаҳои мавҷуда дастгирӣ карда шавад, то тавонмандии ҳимояи онро пурра исбот намояд. Оид ба ин масъала мехоҳем фикри диссертант шунида шавад.

2. Муаллиф дар навгонии 4-уми диссертатсия менависад, ки «Дар бандҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои таҳкими назорати прокурорӣ, иштироки прокурор дар мурофиаҳои судӣ ва

шикоят аз карори прокурор ва ғ. дарҷ гардидааст. Дар банди 80 Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз субъектҳои татбиқкунандаи Консепсия муайян шудааст. Масъалаи такмили самти фаъолияти прокуратура дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои солҳои 2018-2028 қабул карда шудааст, бояд мавриди баррасӣ қарор гирифта шуда, бахши алоҳида ба фаъолияти мақомоти мазкур ҷудо карда шавад. Дар Консепсия танҳо ваколати татбиқ ва таҳияи нақшаи чорабиниҳо ҳар ду сол пешбинӣ гардидааст». Фикри муаллиф оид ба ин масъала мучмал ва норавшан баён гардидааст. Аз диссертант хоҳиш менамоем, ки оид ба ин масъала ба таври пурра шарҳи худро манзур намояд.

3. Муаллиф дар саҳифаи 165-уми диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки нигилизми ҳуқуқӣ ба сатҳи фарҳанги ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аммо, бо назардошти хусусияти хоси фаъолияти мақомоти прокуратура ҳамчун ниҳоди назорати қонуният, ҷой доштани нигилизми ҳуқуқӣ дар ин сохтор ва омилҳои пайдоиши он аз мадди назари таҳқиқот дур мондааст. Бо назардошти он ки ин падида ба сифати ҳуқуқтатбиқкунӣ таъсири мустақим дорад, зарур мешуморем, ки муаллиф дар раванди ҳимояи ошкоро роҷеъ ба хусусиятҳои зуҳури нигилизми ҳуқуқӣ маҳз дар мақомоти прокуратура тавзеҳоти иловагӣ диҳад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат таҳия гардида мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Қодирзода Ғолиб Нурулло – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.01), профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра 12 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Протоколи кафедра таҳти №7 аз 17-уми феврали соли 2026.

**Раискунандаи ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Каримзода У.К.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Қодирзода Ғ.Н.

**Котиби ҷаласа:**
сардори кабинети кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
майори милитсия — Қурбонзода Ҷ.Ғ.

Имзои Каримзода У.К., Қодирзода Ғ.Н. ва
котиби ҷаласа Қурбонзода Ҷ.Ғ.-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия — Саидзода А.Р.

«23» 02 соли 2026

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3; телефон: +992 (37) 226-60-42. факс: +992 (37) 226-60-43; сомона www.avkd.tj; E-mail: avkd.tj@mail.ru